# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи номзадии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2026. – 178 с.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Масъалаи танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами муносибатҳои ҳуқуқии замони имрӯза мебошад. Дар ин самт мушкилотҳои гуногуни ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки бартараф намудани онҳо аз пажӯҳиши муҳимми илмӣ вобастагии зиёд дорад.

Муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқшавандаро чунин тавсиф медиҳад: «Дар шароити ҳозира, ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор дорад. Зеро, он ба дастовардҳои зеҳнӣ, хусусан дастовардҳои технологии замони муосир алоқаманд мебошад. Ҳар як нафар на танҳо истифодабарандаи чунин объектҳо, балки офарандаи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ҳам буда метавонанд. Зеро, ҳар нафаре, ки телефонҳои ҳушманд дорад, имкони сабту навор ва офаридани маводҳои гуногуни зеҳниро дорад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳо ва дигар сарчашмаҳо шумораи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста рӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст. Ҳамзамон, бо рушди истифодаи интернет ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт хеле зиёд ба назар мерасанд. Мусаллам аст, ки интернет шабакаи умумиҷаҳонӣ мебошад ва он хоси як давлат нест» (саҳ. 4).

Ҳуқуқҳои вобаста танҳо дар як ҳолат хислати мустақилро дошта метавонанд, агар асари бо қонун ҳифзнашаванда ё ин, ки объекти натиҷаи

фаъолияти эҷодӣ набуда иҷро карда шавад, ба фонограмма сабт карда шавад ё тавассути эфир ва кабелӣ пахш гардад. Дигар хусусияти ба ҳуқуқҳои вобаста хос, бо қонун муқаррар нагардидани анҷомдиҳии расмиёти ҳуқуқӣ мебошад. Бинобар ин, ҳуқуқҳои вобаста аз лаҳзаи факти офаридани объектҳои он ба вуҷуд меоянд. Инчунин, баҳсҳои мураккабу гуногунпаҳлуи самти мазкур аз муҳиммият ва самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ будани мавзуи диссертатсия шаҳодат медиҳад.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ бори аввал дар шакли таҳлили диссертатсионӣ анҷом дода шудааст, навгонии дар натиҷаи он бамиёномада бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузории соҳавӣ, консепсияву стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ манзур карда шудааст.

Муаллиф дар заминаи таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии хориҷӣ як қатор хулосаҳои назариявии нав ба миён гузоштааст, ки ба такмили фаҳмиши моҳияти ҳуқуқҳои вобаста, доираи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии субъектони ҳуқуқи вобаста ва хусусиятҳои тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста равона шудаанд. Дар диссертатсия номуайянии меъёрҳои амалкунанда ошкор гардида, воситаҳои бартараф намудани холигиҳо ва ихтилофоти ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд.

Навгонии асосӣ дар самтҳои зерин мушоҳида карда мешавад:

– муайян кардани хусусиятҳои ҳуқуқҳои вобаста ҳамчун яке аз падидаҳои ҳуқуқи маданӣ бо дарназардошти омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ;

– ба таври амиқу дахлдор баррасӣ кардани аломатҳо ва таснифоти ҳуқуқҳои вобаста;

– бо баррасии адабиёти илмӣ муайян намудани заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва инкишофи муносибатҳо доир ба ҳуқуқҳои вобаста;

– андешаҳои асоснок оид ба таҳлил ва муайян намудани объектҳои ҳуқуқҳои вобаста;

– мавҷудияти таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи ҳуқуқҳои вобаста дар қонунгузории миллӣ ва давлатҳои хориҷӣ;

– бо дарназардошти талаботи қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ муайян намудани вазъи ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста;

– пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ оид ба падидаи ҳуқуқҳои вобаста ҷиҳати мукаммалсозии низоми қонунгузорӣ.

Инчунин, муаллиф бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва дуруст ба роҳ мондани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ пешниҳодҳои зеринро манзур намудааст:

1. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаи ҳуқуқии се гурӯҳи ҳуқуқҳои вобаста (ҳуқуқҳои иҷрогарон, сабтгарони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ) муқаррар шудааст. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳуқуқиноширони асарҳои илм, адабиёт ва санъат ва ҳуқуқи таҳиягарони манбаи маълумот ҳамчун ҳуқуқҳои вобаста дар алоҳидагӣ эътироф ва ҳифз карда мешавад. Чунин объектҳо дар Тоҷикистон ҳам хеле зиёд истифода мешавад, аз ҳамин хотир дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ин ҳуқуқҳоро ворид намудан зарур аст.

2. Чуноне ки таҳқиқот нишон дод, дар моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» 4 номгӯйи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ пешбинӣ гардидааст: 1) намоишҳо; 2) иҷроҳо; 3) фонограммаҳо; 4) барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ. Реҷаи ҳуқуқии иҷро, фонограмма ва барномаҳои телевизион ва радио дар ҳамин Қонун мушаххас шудаанд. Намоиш ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқҳои вобаста пешбинӣ гардидааст, аммо доир ба реҷаи ҳуқуқии он минбаъд дар матни қонун меъёрҳои зарурӣ муқаррар нагардидааст. Аз ҳамин лиҳоз, зарур мешуморем, ки калимаи «намоиш» аз матни моддаи 31 Қонуни болозикр хориҷ карда шавад.

Дар умум метавон иброз намуд, ки навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада асоснок буда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда бо таҳлили амиқи таърихӣ ва илмии назариявӣ таъмин гардидаанд.

**Асосनокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ифодаёфта, дар такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти илмӣ мавриди таҳлили амиқу ҳамаҷониба қарор дода шуда, нақши он дар ҳуқуқи маданӣ бо далелҳои дахлдор асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф чунин методҳои таҳқиқот истифода шудаанд, ба монанди: расмӣ-мантиқӣ (индуксия, дедуксия, таҳлил, синтез, фарзия, айният); методи низомӣ-сохторӣ дар раванди тавсифдиҳии унсурҳои асосии ҳуқуқии вобаста ва натиҷаҳои онҳо истифода шудааст; методи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ барои шарҳ додани дурнамои танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста; методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар раванди нишон додани

шартҳои эътирофи ҳуқуқҳои вобаста дар соҳаи моликияти зеҳнӣ истифода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Дар умум метавон иброз намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта шубҳаовар набуда, онҳо ба талаботи корҳои илмии сатҳи номзадӣ мутобиқ мебошанд ва дорои арзиши назариявӣ ва методологии устувор мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои методологии он зикр шуда, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он тавсиф гардида, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён карда шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия** ба мавзуи «Тавсифи умумии ҳуқуқҳои вобаста» бахшида шуда, дар он масъалаҳо вобаста ба таҳлили масъалаи мафҳум, моҳият, асосҳои танзимкунандаи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифиро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст. Зимни таҳлили масъалаҳои дар зербобҳо ҷойдошта андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ бо назардошти адабиёти илмӣ, ҳамзамон муқаррароти қонунгузорӣ дар алоқамандӣ ба назарияи илм дар самти ҳуқуқҳои вобаста пажӯҳиш гардидааст.

**Боби дуюми диссертатсия** – «Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ва реҷаи ҳуқуқии онҳо» ном дошта, дар он масъалаҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ, ки дорои реҷаи хоси ҳуқуқӣ мебошанд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳ ба он равона мегардад, ки бо назардошти хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ, реҷаи хос, нуқтаи назари муҳаққиқон ва таҷрибаи амалии танзим ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста онҳо мавриди таҳлили алоҳида қарор гиранд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «Амалигардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ гардида, дар он механизмҳои амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста, аз ҷумла пахши эфирӣ

ва кабелӣ, шаклҳои истифода ва нуқсонҳои амалияи миллӣ, махсусан набудани ташкилоти дастаҷамъии ҳимояи ҳуқуқҳо ва тарзҳои ҳуқуқӣ-мадании ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста бо дар назардошти ақидаҳои илмӣ ва таҳлили қонунгузорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Хулоса** аз 7 банд иборат буда, муаллиф вобаста ба самтҳои гуногуни падидаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста андешаронӣ намуда, хулосаҳои асоснок манзур намудааст. Хулосаи манзуршуда бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» равона карда шуда, вобаста ба ҳар як зербоб хулосабарории дақиқ анҷом дода шудааст. Дар хулоса аз тарафи муаллиф аз таҳлили заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии падидаи мазкур сар карда то ба ҳадди тарзҳои ҳимояи ҳуқуқии тарафҳои ҳуқуқҳои вобаста пешниҳодҳои мушаххас таҳия гардидааст.

**Сохтори диссертатсия** ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда оид ба падидаи ҳуқуқҳои вобаста тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда ба муаллиф имконият додаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Рисолаи илмии М.И. Исмоилзода дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ мебошад. Зеро, рисолаи мазкур, ки ба таври комплексӣ танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифтааст, метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ барои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ баромад намояд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, дипломӣ, магистрӣ ва ҳангоми омӯзиши фанҳои тахассусӣ, махсусан ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Пешниҳодҳои амалӣ, ки аз ҷониби муаллифи рисолаи илмӣ дар натиҷаи таҳлили амиқ манзур шудаанд, бахри таҷдиди қонунгузории соҳа, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998, №726, ки моҳияти ин шартномаро дар худ ҷой додааст, заминагузорӣ карда метавонанд. Яъне, хулосаҳои илмӣ ва амалӣ, ки дар рисолаи илмӣ манзур шудаанд, ҷиҳати бастани шартнома ва иҷрои он аз ҷониби тарафҳо мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки мавзуи мазкур ба муомилоти яке аз объектҳои муҳимми иқтисодию маданӣ – ҳуқуқҳои вобаста бахшида шудааст. Танзими самараноки ҳуқуқҳои вобаста

имкон медиҳад, ки манфиатҳои иқтисодии иштирокчиёни ин ҳуқуқҳо аз лиҳози қонунӣ ҳимоя шаванд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур дар баланд бардоштани сатҳи амнияти ҳуқуқҳои вобаста ва ҷамъиятӣ дар амалӣ шудани яке аз ҳуқуқҳои иҷтимоии конститутсионӣ - ҳуқуқ ба муаллифӣ зоҳир мегардад. Ин раванд дар маҷмуъ ба рушди устувори иҷтимоии ҷомеа ва таҳкими суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ин таҳқиқот дорои аҳаммияти назарраси назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 22 маводди илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст. Ҳамчунин, дар ҳаммуаллифӣ 1 монографияи дигар дар самти танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ва 2 маводи дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

[1–М]. Исмоилова, М.И. Танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография: нашри аввал / М.А. Қодирзода, М.И. Исмоилова, Ш.Х. Одиназода, Ҳ.Р. Раҳмонов, К.М. Каримов, М.Н. Сайдалиён // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2022. – 188 с.

[2–М]. Исмоилова, М.И. Понятие смежних прав по законодательство Республики Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – №3/9 (154). – С. 83-85. ISSN: 2074-1847.

[3–М]. Исмоилова, М.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ИДМ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2016. – №3 (23). – С. 82-86. ISSN 2410-2903.

[4–М]. Исмоилова, М.И. Баъзе масъалаҳои рушди қонунгузории сайёҳӣ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2017. – №2 (26). – С. 57-61. ISSN 2410-2903.

[5–М]. Исмоилова, М.И. Таҳлили қонунгузории ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2017. – №4 (28). – С. 109-114. ISSN 2410-2903.

[6–М]. Исмоилова, М.И. Процесс формирования и совершенствования законодательних актов по защите смежних прав в Республике Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2018. – №2 (30). – С. 30-38. ISSN 2410-2903.

[7–М]. Исмоилова, М.И. Проблеми международной и национально-правовой охрани смежних прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С. 33-38. ISSN 2410-2903.

[8–М]. Исмоилова, М.И. Проблеми регулирования объектов смежних прав среди объектов интеллектуальной собственности [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 31-37. ISSN 2410-2903.

[9–М]. Исмоилова, М.И. Понятие и общая характеристика смежних прав по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). – С. 189-199. ISSN 2307–5198.

[10–М]. Исмоилова, М.И. Проблеми международной и национально-правовой охрани смежних прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Юридическая наука: история и современность. – 2020. – №11. – С. 154-162. ISSN 2218-7170.

[11–М]. Исмоилова, М.И. Телерадиопередачи как объект смежних прав [Текст] / У.А. Меликов, М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2022 – №3 (47). – С. 24-28. ISSN 2410-2903.

[12–М]. Исмоилова, М.И. Проблеми международной и национально-правовой охрани смежних прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2023. – №1 (49). – С. 47-53. ISSN 2410-2903.

[13–М]. Исмоилова, М.И. Тарзҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста [Матн] / У.А. Меликов, М.И. Исмоилова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 145-153. ISSN 2414-9217.

[14–М]. Исмоилова, М.И. Мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони русӣ) // Маводи конференсияи IX илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Потенсиали инноватсионии рушди илм дар замони муосир». – Уфа, 21 июни соли 2022. – С. 178-183. К 303-0.

[15–М]. Исмоилова, М.И. Асосҳои ҳуқуқии танзимкунии ҳуқуқҳои вобаста ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони англисӣ) // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии рушди устувор». – Копенгаген, 6-8 июли соли 2022. – С. 148-155. ISBN 978-87-615-0721-1.

[16–М]. Исмоилова, М.И. Иҷро ва ба саҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста (бо забони англисӣ) // Маводи конференсияи XII илмӣ-

амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Таҳқиқоти илмӣ дар асри XXI». – Оттава, 16-18 июли соли 2022. – С. 183-190. ISBN 978-0-458-20903-3.

[17–М]. Исмоилова, М.И. Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он // Маводи конфернсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ». – Бостон, 2022. – С. 13-20. ISBN 978-1-64655-129-3.

[18–М]. Исмоилова, М.И. Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ таҳти унвони «Проблемаҳои рушди илми муосир». – Алмаато, 2022. – С. 75-78. ISI 2019-0.172.

[19–М]. Исмоилова, М.И. Баъзе масъалаҳо оид ба амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Методологияи танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия». – Душанбе, 2022. – С. 75-82. ISBN 978-99975-74-56-6.

[20–М]. Исмоилова, М.И. Танзими ҳуқуқии марказҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ / М.И. Исмоилова, М.Т. Тоирзода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва паркҳои технологӣ: ҳолат, мушкилот ва дурнамо» // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – С. 52-60.

[21–М]. Исмоилова, М.И. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» [Матн] / М.И. Исмоилова. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2021. – 72 с.

[22–М]. Исмоилова, М.И. Истилоҳоти ҳуқуқии соҳаи иттилоот, матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма [Матн] / М.И. Исмоилова. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 48 с.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №0267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, ба талаботи Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбие, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия мазкур баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Ҳангоми муайян намудани мавзуи таҳқиқот муаллиф дар қатори таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, таҳлили ҳуқуқии муқоисавии он бо қонунгузории кишварҳои алоҳидаи ИДМ ва давлатҳои дигар, ҳамчунин шартномаҳои байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои вобаста инчунин ишора ба амалияи судӣ намудааст. Аммо дар рӯйхати адабиетҳои истифодашуда танҳо як сарчашма нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз муаллифро мебоист вобаста ба таҷрибаи судӣ дар ҶТ ва дигар давлатҳо мисолҳо оварда мушкилоти ҷойдошта ва пешниҳодҳои худро дар самти қонунгузорӣ пешкаш менамуд.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аксарияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ва Кодекси маданиро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ҳамин замина, яке аз стратегияҳои муҳим ин Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2021, №210 тасдиқ шудааст, мебошад. Бо ин назардошт, дар таҳқиқот бояд муаллиф ба дурнамои ҳуқуқҳои вобаста дар робита бо Стратегияи мазкур таҳлилҳои мушаххасро анҷом медод.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз

рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷ.Қ.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14, Тел: (+992) 231-08-43, E-mail: jamrod@mail.ru

**Имзои Бобозода Ҷ.Қ.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

«17» 03 2026 с.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14, Тел: (+99237) 231-08-37, 231-02-01, https://www.tgfeu.tj, E-mail: info@tgfeu.tj